«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,
бизнес ва сиёсати Тоҷикистон
доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессор________Шарифзода М.М.
«_31_» ____01_____ соли 2023

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Хоҷазода Фурқат Файзалӣ дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дахлдорӣ ба ҷиноят мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда.** Диссертатсияи Хоҷазода Фурқат Файзалӣ таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, аз ҷониби муаллиф ҳамаҷониба таҳқиқ гардида, ба яке аз мавзуъҳои мубрами илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология – «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дахлдорӣ ба ҷиноят мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бахшида шуда, муҳтавои он ба ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мутобиқ мебошад.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳамияти он.** Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ - амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ асоснок карда мешаванд. Ҳамчунин, тарзи навишт, гузориши масъала, сабки диссертатсия саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд. Илова бар ин, аз тарафи муаллифи диссертатсия дар мақола ва маърузаҳо, дар конференсияҳои илмӣ - амалии ҷумҳуриявӣ ва

байналмилалӣ пешниҳодҳо ҷиҳати такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фаъолияти мақомоти ҳуқуқтатбиқкунанда, дар соҳаи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дахлдорӣ ба ҷиноят зикр гардидаанд.

Қобили тазаккур аст, ки диссертант дар ҳалли як зумра масъалаҳои назариявӣ, ки марбут ба падидаи баррасишаванда мебошанд, ба муваффақият ноил гардида, ҳамзамон андешаҳои илмиеро коркард намудааст, ки онҳо барои рушди илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ва такмили қонунгузории ҷиноятӣ метавонанд саҳми назаррас гузоранд:

а) муаллиф дар рафти таҳлил муайян кардааст, ки тарафи объективии дахлдорӣ ба ҷиноят, ҳам дар ҳаракат ва ҳам дар беҳаракатӣ, ифода мегардад; аз ҷиҳати тарафи субъективӣ он дар бештар маврид бо шакли қасдонаи гуноҳ тавсиф мегардад. Субъекти дахлдорӣ ба ҷиноят, ҳам шахсони воқеӣ (субъекти умумӣ) ва ҳам шахсони мансабдор ё шахсони бинобар ин ё он ҳолат барои иҷрои ин ё он ҳаракат уҳдадор, ба монанди пешгирӣ намудани ҷиноят, хабар додан ба намояндагони ҳокимият, расонидани кӯмак ба эҳтиёҷмандон баромад менамоянд. (саҳ. 65).

б) рисоланавис дар таҳқиқоти диссертатсионии худ қайд менамояд, ки истифодаи категорияи “хешовандони наздик” барои мақсадҳои м. 347 КҶ ҶТ (хабар надодан дар бораи ҷиноят ё пинҳон доштани он) самарабахш намебошад, зеро дар ин маврид сухан на дар бораи ҷабрдида, балки дар бораи ҷинояткори “асосӣ” меравад. Илова бар ин, истифодаи мафҳуми “хешовандон” дар эзоҳи м. 347 КҶ ҶТ барои он самарабахш намебошад, ки он қисман мазмуни баҳодиҳӣ дорад, ки барои муқаррар намудани ҳолатҳои дахлдори парванда душвориҳо эҷод мекунад.

Ҳангоми муайян кардани доираи дахлдории шахсони дар эзоҳи м. 347 КҶ ҶТ зикргардида бояд чунин мафҳум истифода бурда шавад, ки

аз як тараф, расман муқарраргардида бошаду аз тарафи дигар, нисбат ба он шахсоне дахл дошта бошад, ки бо пинҳонкунандаи ҷиноят ҳарчанд муносибати хешутаборӣ надошта бошанд ҳам, аммо бо сабаби байни онҳо ҷой доштани муносибатҳои шахсӣ, дараҷаи наздикии онҳоро метавон баробар ба хешовандӣ шуморид *(саҳ. 121)*.

в) самти дигаре, ки муаллиф аз нигоҳи илмӣ ба он муваффақ гардидааст, вобаста ба дар таҳрири нав ба КҶ ҶТ ворид намудани моддаи 315 КҶ (Беамалӣ дар иҷрои вазифа) мебошад, ки доир ба масоили мазкур муаллиф чунин қайд намудааст, ки бо назардошти хусусиятҳои ба худ хоси механизми расонидани зарар аз ҷониби ҷиноятҳои мансабӣ (хизматӣ), ба мақсад мувофиқ шумоsærидааст, ки ҷинояти дар м. 315 (Беамалӣ дар иҷрои вазифа) КҶ ҶТ пешбинишуда, дар таҳрири нав бо мазмуни зайл ифода гардад:

“1. Аз ҷониби шахси мансабдор қасдан иҷро накардани вазифаҳои худ, ки боиси ба таври назаррас поймол шудани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон ё ташкилотҳо ё манфиатҳои бо қонун ҳифзшавандаи ҷамъият ё давлат гардида бошад, -

бо ҷарима ба андозаи то сесаду шаст нишондиҳанда барои ҳисобҳо ва ё маҳдуд кардани озодӣ ба муҳлати то ду сол ва ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба ҳамон муҳлат бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансаби муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба муҳлати то ду сол ё бидуни он ҷазо дода мешавад.

2. Кирдорҳои дар қисми якуми ҳамин модда пешбинишуда, ки аз ҷониби шахси мансабдори давлатӣ ё роҳбари мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатиро ишғолкунанда содир шуда бошад, -

бо ҷарима ба андозаи аз сесаду шаст то нӯҳсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ва ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз ду то панҷ сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансаби муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба муҳлати то панҷ сол ё бидуни он ҷазо дода мешавад.

3. Кирдорҳои дар қисмҳои якум ё дуюми ҳамин модда пешбинишуда, ки боиси оқибатҳои вазнин гардида бошанд, -

бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то даҳ сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансаби муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян бо ҳамон муҳлат ё бидуни он ҷазо дода мешавад" (саҳ. 210-211).

Дар ин қисмат, метавон хулоса намуд, ки таҳқиқбаранда дар ҳалли масъалаҳои илмии вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дахлдорӣ ба ҷиноят ба натиҷаҳои назаррас муваффақ гардида, нуктаҳои илмиеро манзур намудааст, ки воқеан асоснок ва таҳкимбахшандаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошанд.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳамияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.**

Навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки дар Тоҷикистон кори илмии мазкур аввалин пажӯҳиши хусусияти монографӣ дошта доир ба масъалаи зикргардида мебошад, ки дар доираи он муаллиф яке аз аввалинҳо шуда, ҳатто бо назардошти илми ҳуқуқшиносии рус дар заминаи таносуби муқоисавӣ масоили марбут ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дахлдорӣ ба ҷиноятро бо таҳлили ҳамаҷонибаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва дар муқоиса бо қонунгузории ҷиноятии давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил мавриди омӯзиш қарор қарор дода, андешаҳои худро доир ба такмили қонунгузории ҷиноятӣ пешниҳод кардааст. Аз тарафи дигар, дар тадқиқоти диссертатсионӣ равишҳои назариявӣ оид ба муайян кардани ҷанбаҳои таърихӣ – ҳуқуқӣ, байналмилалӣ, ҳуқуқии ҷиноятии муқовимат ба дахлдорӣ ба ҷиноят таҳия шудаанд; вазъи кунунии муаммои мубориза бо дахлдорӣ ба ҷиноят муайян карда шудааст; сохторҳо ва воситаҳои ҳуқуқие, ки ба такмили қонунгузории миллӣ ва байналмилалии ҷиноятӣ дар ин самт мусоидат мекунанд, муайян карда шудаанд. Дар баробари ин, навоварии илмии таҳқиқот дар таҳия ва асосноккунии равишҳои назариявӣ ва илмӣ оид ба муайян намудани мафҳуми дахлдорӣ ба ҷиноят, дар пешниҳодҳо оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории ҷиноятӣ зоҳир мегардад. Ғайр аз ин, тадқиқоти пешниҳодшуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аввалин

пажӯҳиши таҳқиқоти комплексии назариявӣ ва ҳуқуқии масъалаҳои илмӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқтатбиққунии масоили марбут ба дахлдорӣ ба ҷиноят мебошад, ки дар он як қатор пешниҳодҳои илман асоснокгардидаи муаллиф пешниҳод шуда, баҳри такмили минбаъдаи қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон равона гардидаанд.

Бо мақсади исботи гуфтаҳои боло метавон ба чанде аз натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ишора намуд, ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмӣ ба мақсад мувофиқ мебошад:

– дар пешниҳоди дуюми хусусияти назариявидошта муаллиф дар асоси таҳлили муқоисавии баамалбаровардашуда ба чунин хулоса омадааст, ки дар қонунгузории ҷиноятии муосири давлатҳои хориҷӣ, назар ба КҶ ҶТ барои чунин кирдорҳо, ки ба институти дахлдорӣ ба ҷиноят тааллуқ доранд, ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст, ки мумкин аст барои такмил додани КҶ ҶТ истифода шаванд: 1) хабар надодан ба намояндагони ҳокимият оид ба далелҳои бегуноҳии шахс, ки барои содиркунии ҷиноят муваққатан ҳабс ё маҳкум шудааст; 2) хабар надодан ба намояндагони ҳокимият оид ба кирдорҳо бар зидди дахлнопазирии ҷисмонии ноболиғон (ба синни 15-солагӣ нарасидаанд). Инчунин қонунгузории баъзе кишварҳои хориҷӣ (Фаронса) муқаррарот дар бораи аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод намудани хешу табори шахси гунаҳгорро барои пинҳон доштан ва хабар надодан дар бораи ҷиноят дар бар намегирад (саҳ. 11);

– дар пешниҳоди сеюми хусусияти назариявидошта, ки барои ҳимоя пешниҳод шудааст, омадааст, ки дахлдорӣ ба ҷиноят дорои аломатҳои ба худ хос мебошад, ки дар сурати мавҷуд будани онҳо ин ё он кирдорҳои ба ҷамъият хавфнок ҳамчун дахлдорӣ ба ҷиноят эътироф карда мешавад ва ҳамзамон аз дигар ҷиноятҳо фарқгузорӣ карда мешаванд, хусусан аз шарикӣ дар ҷиноят. Ҳамин тавр дахлдорӣ ба ҷиноят:

а) шарикӣ дар ҷиноят ба ҳисоб намеравад;

б) ба шахсоне, ки ҷинояти асосиро содир кардаанд, қаблан ваъда нашудааст;

в) дар робитаи сабабӣ бо ҷиноятҳои асосӣ қарор надоранд; сабаби натиҷаи ҷиноятӣ нестанд ва барои фаро расидани натиҷаи он мусоидат намекунанд, гарчанд дар баъзе маврид, масалан зимни саҳлангорӣ монеъ намешаванд;

г) дахлдорӣ ба ҷиноят дар фарқият аз шарикӣ на ҳамавақт боиси ҷазо мегардад, танҳо дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун.

Таҳлили гузаронидашудаи аломатҳои дахлдорӣ ба ҷиноят имкон медиҳад, онро ҳамчун кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок ва гунаҳгорона содиршудаи бо қонунгузории ҷиноятӣ пешбинишуда, ки бо ҷинояти омодашаванда, содиршаванда ё содиргардида алоқаманд аст, аммо бевосита ба омодашавӣ ва содирнамоӣ мусоидат намекунад, бо натиҷаи ҷиноятӣ дар робитаи сабабӣ қарор надорад (саҳ. 11);

- дар пешниҳоди якуми хусусияти амалидошта, барои такмили қонунгузории ҷиноятӣ рисоланавис чунин пешниҳодро иброз намудааст, ки ба қ. 5 м. 36 КҶ ҶТ муқаррарот дар бораи ёрдамчӣ эътироф намудани шахсони зерин зарур аст: 1) шахсе, ки қаблан қонунигардонии молу мулки бо роҳи ҷиноят бадастовардаро ваъда медиҳад; 2) шахсе, ки пешгирӣ накардани содиркунии ҷиноятро ваъда медиҳад; 3) шахсе, ки хабар надодан оид ба ҷиноят ва ҷинояткор ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқро ваъда медиҳад;

– дар пешниҳоди дуюми хусусияти амалидошта, барои такмили қонунгузории ҷиноятӣ муаллиф дар таҳрири зерин пешниҳод намудани қ. 2 м. 347 КҶ ҶТ-ро ба мақсад мувофиқ мешуморад:

“2. Пинҳон доштани ҷиноятҳои махсусан вазнини пешакӣ ваъдадоданашуда, ба истиснои ҷиноятҳои дар қисми сеюми ҳамин модда пешбинишуда, -

ҷазо дода мешавад;

- дар пешниҳоди сеюми хусусияти амалидошта барои пинҳон доштани ҷиноятҳои дар қ. 2 м. 104, қ. 3 м. 130, қ.қ. 2 ё 3 м. 179, қ. 3 м. 181, м. 306, қ. 2 м.м. 309, 310, 313 ё м. 329 пешбининамудаи Кодекси мазкур –

ҷазо дода мешавад.

Эзоҳ: Шахс барои пинҳон доштани ҷинояти содиркардаи хеши наздик ё аъзои оилааш, ки пешакӣ ваъда дода нашудааст, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад”;

– дар пешниҳоди чоруми хусусияти амалидошта таклифоте ба миён оварда шудааст, ки объекти бевоситаи м. 254 КҶ ҶТ бояд муносибатҳое, ки дар рафти фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ оид ба иҷрои вазифаҳои адолати судӣ дар қисми ошкор кардани шахсони барои ғайриқонунӣ соҳиб шудани молу мулки бегона гунаҳгор ва татбиқи чораҳои таъсири ҳуқуқии ҷиноятиро ба вуҷуд меоянд, дониста шаванд. Бинобар ин, таклиф карда мешавад, ки боби 32 КҶ ҶТ “Ҷиноятҳо ба муқобили адолати судӣ” бо илова кардани моддаи нави 347[1] интиқол дода шавад;

– дар пешниҳоди панҷуми хусусияти амалидошта лозим шуморида шудааст, ки диспозитсияи қ. 1 м. 347 КҶ ҶТ тағйир дода шуда, дар он хабар надодан ҳамчун надодани маълумот аз ҷониби шахс дар хусуси ҳолатҳои ба ӯ аниқ маълуми содиршавии ҷинояти вазнин ва махсусан вазнин, ки барои ошкорнамоӣ аҳаммияти калон доранд ва бояд тибқи КМҶ ҶТ муқаррар гарданд, муайян карда шавад;

– дар пешниҳоди шашуми хусусияти амалидошта иброз гардидааст, ки дар эзоҳи м. 347 КҶ ҶТ илова дар таҳрири зерин ҳамроҳ карда шавад: “Шахсе, ки бе сабаби узрнок маълумоти барояш аниқ маълумро дар бораи ҷиноятҳои дар м. 347 ҳамин Кодекс зикршуда саривақт хабар намедиҳад мумкин аст аз ҷавобгарии ҷиноятӣ барои хабар надодан озод карда шавад, агар ин барои пешгирии ҷиноят, ошкори ҷиноят, муайян намудани шахси ҷинояткор мусоидат карда бошад” (саҳ. 12-13).

Дар ин қисмат метавон иброз намуд, ки муаллифи рисолаи илмӣ бо дарназардошти нуктаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, ки ҳамагӣ навгонии илмӣ ба ҳисоб мераванд, лоиқ ба дараҷаи илмии дархостшаванда мебошад.

Бояд тазаккур дод, ки дар баробари комёбиҳои иброзгардида, инчунин дар рисолаи илмӣ баъзе масъалаҳои баҳсноку норавшан ҷой доранд ва онҳоро ба таври зерин метавон манзур намуд:

1. Зербоби дуюми боби якуми диссертатсия ба масъалаи таҳлили муқоисавӣ - ҳуқуқии қонунгузории давлатҳои кишварҳои хориҷӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дахлдорӣ ба ҷиноят бахшида шудааст, ки ин албатта барои мукаммалгардонии қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти калон дорад. Аммо, муаллифи диссертатсия таваҷҷуҳи худро дар доираи таҳлили ин мавзӯъ маҳдуд намуда, баъзан қонунгузории ҷиноятии давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақилро, ки дар самти муқовимат ба ин ҷиноятҳо ба муваффақиятҳои назаррас ноил гардидаанд, мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор надодааст. Хуб мешуд, ки муҳаққиқ ҳангоми ҳимояи диссертатсия чунин усули пешгирифтаи таҳқиқоти худро асоснок намояд.

2. Дар диссертатсия маълумоти оморӣ доир ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дахлдорӣ ба ҷиноят дар солҳои 2017-2021 мавриди таҳлили алоҳида қарор дода шудааст. Аз диди мо, нишондоди омории солҳои пешинро низ илова намудан зарур буд, зеро дар чунин ҳолат, маълумот оид ба вазъи муосири ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои алоқаманд ба дахлдорӣ ба ҷиноят мукаммалтар мегардид. Аз ин рӯ, сабаби асосии ворид нагардидани маълумотҳои омории солҳои пешин доир ба масоили баррасишаванда шарҳи муаллифро талаб менамояд.

3. Муаллиф дар диссертатсия (с. 15) дарҷ менамояд, ки асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро корҳои илмии олимони ватанию хориҷӣ, ки самтҳои мухталифи мавзӯъро таҳқиқ намудаанд, ташкил медиҳад. Албатта, таҳлил ва баррасӣ намудани корҳои зиёди илмии олимони хориҷӣ, мазмун ва муҳтавои диссертатсияро баланд менамояд. Аммо, дар кори мазкур ба назари олимони ватанӣ вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дахлдорӣ ба ҷиноят камтар таваҷҷуҳ зоҳир гардидааст. Доир ба ин масъала, пешниҳод мешавад, ки муаллиф

мушаххас намояд, ки ӯ  бо дарназардошти кадом омилҳо аз истифода намудани корҳои илмии муҳаққиқони ватанӣ доир ба мавзӯи тақризшаванда худдорӣ намудааст.

4. Муаллиф дар кори таҳқиқотии худ дуруст қайд кардааст, ки дахлдорӣ ба ҷиноят – ин  фаъолияти барои ҷамъият хавфноки шахсе мебошад, ки дар содир кардани ҷиноят иштирок накардааст вале бо роҳи хабар надодан дар бораи ҷиноят ё пинҳон доштани он  ба ошкорсозии ҷиноятkорон монеъ  шудааст. Муаллиф бо кори илмии худ эътироф намудааст, ки институти дахлдорӣ ба ҷиноят дар ҳуқуқ ва қонунгузории ҷиноятӣ ҷой дорад. Вобаста ба ин, ба мақсад мувофиқ мебуд, агар муаллиф мафҳумҳои васеи хабар надодан дар бораи ҷиноят ё пинҳон доштани онро дар кори таҳқиқотии худ коркард менамуд.

Аммо, эрод ва норасоиҳои ишорашуда ба мазмуну мундариҷаи диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва арзиши илмии онро коста намегардонанд.

**Чоп намудани таълифоти натиҷаҳои диссертатсия дар матбуоти илмӣ. Хоҷазода Фурқат Файзалӣ** муаллифи 9 маводи илмӣ мебошад, ки аз он  7 мақолаҳояш дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва 2 мақолааш дар дигар маҷмӯаҳо ва нашрияҳои илмӣ - амалӣ чоп шудаанд, ки ба таҳлили паҳлуҳои гуногуни “Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дахлдорӣ ба ҷиноят мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон” бахшида шудаанд. Бахусус, дар конфронси ҷумҳуриявии илмӣ - амалии “Конститутсия – ҳамчун омили суботи давлат” дар мавзӯи “Асоси объективии принсипи тафриқаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои пинҳон кардани ҷиноятҳои махсусан вазнин” (Душанбе, 2022), конфронси байналмилалии илмию амалӣ “Ҳуқуқи инсон: дирӯз ва имрӯз” дар мавзӯи “Танзими қонунгузорӣ ва банду басти саҳлангорӣ ба ҷиноят” (Душанбе, 2022) ва ғ.

**Мувофиқати автореферат ба муҳтавоии диссертатсия.** Автореферат ба муҳтавоии диссертатсия мувофиқат дорад. Дар автореферат

натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз он ҷумла дар мазмуни мухтасар ва кофии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия дарҷ ёфтаанд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Диссертатсияи Хоҷазода Фурқат Файзалӣ ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ - амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Хулоса, рисолаи диссертатсионии Хоҷазода Ф.Ф. ба талаботҳо оид ба корҳои диссертатсионӣ дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Тақриз дар асоси муқаррароти мавҷуда, махсусан бандҳои 76, 77, 78, 79 ва 81 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Диссертатсия ва тақризи муассисаи пешбар дар семинари васеи илмӣ – назариявии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика ва пешгирии коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон баррасӣ шудааст. **Суратҷаласаи семинари васеи илмӣ - назариявӣ таҳти № 6 аз 20 январи соли 2023.**

Тақризи муассисаи пешбар аз ҷониби Ғаффорӣ Назира Абдуллозода – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ (аз рӯйи ихтисоси

12.00.08), дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика ва пешгирии коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика ва пешгирии коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, муҳокима ва ҷонибдорӣ шудааст. Дар ҷаласаи кафедра аз 19 нафар иштирок доштанд: 17 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 17, «зид» – нест, «бетараф» - нест. **Суратҷаласаи маҷлиси кафедра таҳти № 6 аз 28 январи соли 2023.**

**Раиси семинари васеи илмӣ - назариявӣ:**
и.в. мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ,
криминалистика ва пешгирии коррупсияи
факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи
давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати
Тоҷикистон, номзади илмҳои
ҳуқуқшиносӣ, дотсент **Ахмедов Н.И.**

**Ташхисгар:**
дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ,
криминалистика ва пешгирии коррупсияи
факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи
давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати
Тоҷикистон, номзади илмҳои
ҳуқуқшиносӣ **Ғаффорӣ Н.А.**

**Котиби ҷаласа:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
муаллими калони кафедраи ҳуқуқи
ҷиноятӣ, криминалистика ва пешгирии
коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии

Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Қобилов Б.Қ.

**«Имзои Ахмедов Н.И., Ғаффорӣ Н.А. ва Қобилов Б.Қ.-ро тасдиқ мекунам»:**

**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон** **Мирпоччоев И.Ҳ.**

30.01.2023

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, Муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон», шаҳри Хуҷанд, маҳаллаи 17, хонаи 1, тел: +992 (3422) 2-38-11, E-mail:Info@tsuibp.tj, www:http: tsuibp.tj.**